Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_____ Ибодуллозода А. И.
«__27__» ____04____ соли 2025

Хулосаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия И. И. Исроилов унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб меёфт.

И. И. Исроилов соли 2006 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм кардааст (Диплом ДТО № 0005186).

Мавзуи диссертатсияи И. И. Исроилов барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дар маҷлиси кафедра аз 26 октябри соли 2021, суратмаҷлиси № 3 ва ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29 декабри соли 2021, суратҷаласаи № 5/2.3 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ – Нуриддин Парвин Раймалихон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Диссертатсияи И. И. Исроилов ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ – мутобиқ мебошад. Дар банди 2-юми шиносномаи ин ихтисос, «Системаи сиёсӣ ва сохтори он», самтҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла системаи давлатӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ пешбинӣ шудаанд. Инҳо категорияҳое мебошанд, ки дар онҳо нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳад ҳамчун ҷузъи дастгоҳи давлатии маъмурӣ ва амниятӣ таҳлил мегардад.

Дар банди 3-юм – «Режими сиёсӣ» – низ мавзуи пажӯҳиш муайян шудааст, ки ба фаъолияти ниҳодҳои амнияти миллӣ дар доираи як низоми муайяни сиёсӣ ва таҳаввулоти нақши онҳо алоқаманд мебошад.

Ҳамчунин, банди 11-ум – «Назарияи идоракунӣ» – барои таҳқиқ пешбинӣ гардидааст. Дар доираи ин банд, идоракунии сиёсӣ, шаклҳо ва механизмҳои он, аз ҷумла идоракунии сиёсӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ниҳодҳои идоракунии сиёсӣ, аз ҷумла ниҳодҳои ҳифзи сарҳад, дар ин замина ҳамчун сохторҳое фаъолият мекунанд, ки вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро менамоянд.

Ҳамзамон, диссертатсияи И. И. Исроилов аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо самтҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503 – «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» – мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур мафҳумҳои «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «терроризм» ва ғайра барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд.

Таҳқиқот мавзуи бехатарии сарҳад ва нақши қушунҳои сарҳадиро ҳамчун як унсури меҳварӣ дар низоми амнияти миллӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф тавонистааст, мубрамӣ ва аҳамияти мавзуъро дар шароити муосири таҳдидҳои сиёсӣ, геополитикӣ, ҳарбӣ ва иҷтимоӣ асоснок намояд. Ин масъала барои Тоҷикистон – бо дарназардошти мавқеи геополитикӣ, таърихи мураккаби ташаккули давлатдорӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990-ум – хусусан ҳаётан муҳим мебошад.

Ҳамзамон, бояд дарҷ намуд, ки итихоби мавзуи мазкур пеш аз ҳама ба вазъи муосири геополитикӣ ва таҳдидҳои афзояндаи амниятӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ марбут аст. Таҳдидҳо аз гурӯҳҳои ифротгаро, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар хатарҳои фаромиллӣ масъулияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳадро дар таъмини амнияти миллӣ дучанд менамояд. Маҳз ҳамин омилҳо муҳаққиқро водор намуданд, ки масъалаи нақши ниҳодҳои сарҳадиро ҳамчун омили асосӣ дар таъмини амнияти сиёсӣ ва миллӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳад.

Муҳим будани мавзуъ аз назари амалӣ ва амниятӣ, яъне дар шароити афзоиши таҳдидҳои минтақавӣ ва фаромиллӣ, омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳад ба хотири таҳкими сиёсати давлатии амниятӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Инчунин аҳамияти мавзуъ барои илмҳои сиёсӣ – вусъат бахшидани доираи таҳқиқоти амнияти сиёсӣ мебошад. Рисолаи диссертатсионӣ ба васеъшавии заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дар бахши таҳқиқи амнияти миллӣ ва сиёсати амниятӣ мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи илмҳои сиёсӣ бештар ба ниҳодҳои сиёсии классикӣ равона шудааст, дар ҳоле ки ниҳодҳои ҳифзи сарҳад низ дорои таъсири мустақим ба амнияти давлат ва устувории сиёсӣ мебошанд. Ин таҳқиқот кӯмак мекунад, ки нақши ин ниҳодҳо дар доираи сиёсатҳои миллии амниятӣ равшантар гардад.

Асосҳои назариявии омӯзиши мавзуъро назарияи сиёсати ҳарбӣ, алоқамандии сиёсат бо соҳаи ҳарбӣ ва нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои мутафаккирони аҳди қадим,

давраи эҳё, замони нав ва донишмандони замони муосири хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Хусусан, назари сиёсатмадорону сиёсатшиносони шуравӣ ва рус ҷиҳати тавзеҳи мазмун ва моҳияти истилоҳоти «амнияти давлатӣ, бехатарии миллӣ, ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ, ягонагии ҳудуд, ҳифзи манфиатҳои миллӣ» ва амсоли инҳо мусоидат намудаанд. Дар рафти пажӯҳиши мавзуъ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ методҳои таҳлилӣ истифода шудаанд. Методҳои истифоданамудаи довталаб имкон додаанд, ки баъди ҷамъбаст кардани таҳқиқот хулосаҳои мантиқан дуруст ва илман асоснокшуда пешниҳод гарданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия мавзуи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илмҳои сиёсии ватанӣ то ҳол ба таври ҳамаҷониба ва муназзам таҳқиқ нагардида буд. Дар диссертатсия як қатор самтҳои муҳим ва дорои навгонии илмӣ барои илмҳои сиёсӣ пешниҳод шудаанд, хусусан масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун унсури муҳимтарини сиёсати амниятию ҳарбии давлат мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд(1), доктринаҳо ва санадҳои сиёсию ҳуқуқии марбут ба муҳофизати марзҳо ба таври низомманд таҳқиқ шуда, роҳу усулҳои муассири ҳифз аз хатарҳои дохилию беруна бо пешниҳодҳои амалӣ муайян гардидаанд(2), заминаҳои ташаккул ва рушду такмили ниҳодҳои сарҳадбон дар замони муосир мушаххас гардида, равандҳои таърихӣ ва сиёсӣ дар ин замина таҳлил шудаанд(3), бори аввал дар доираи таҳқиқоти сиёсӣ равандҳои азнавташаккулёбӣ ва тақвияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд(4), нақши қӯшунҳои сарҳадӣ дар ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар аз дидгоҳи сиёсӣ арзёбӣ гардидааст(5), дурнамои сиёсати ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити мураккабшавии вазъи геополитикӣ ва таҳдидҳои нави амниятӣ таҳлил ва асоснок карда шудааст(6).

Натиҷаҳои диссертатсия аҳамияти муҳимми назариявӣ доранд. Андешаҳои илмие, ки аз ҷониби муаллифи таҳқиқот пешниҳод гардидааст, барои таҳқиқи минбаъдаи сиёсати ҳарбӣ, алоқамандии сиёсат бо соҳаи ҳарбӣ ва нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Аз назари муаллиф, мазмуни диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда, хусусан корҳои илмию таҳқиқотие, ки дар онҳо нақши қушунҳои марзбонӣ дар ҳифзи осоиштагии мамлакатҳо воқеъбинона инъикос ёфтааст, таҳия гардидааст. Дар ин замина довталаб сохтори фаъолияти ҳарбию сиёсӣ ва унсурҳои таркибии сиёсати ҳарбиро муайян намуда, зарурати рушду такмили тадриҷии онҳоро пешниҳод намудем. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи сиёсати ҳарбӣ аҳаммияти назариявӣ касб менамояд. Ғайр аз ин, хулосаҳои диссертатсияро дар такмили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои таълимии «Амнияти Тоҷикистон» ва «Амнияти байналмилалӣ» истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсиониро дар такмили стратегияҳо, қонуну низомномаҳои низомию сиёсӣ ва беҳтар намудани мақомоти идоракунии ҳарбӣ метавонанд, истифода баранд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандӣ, инчунин барои тавзеҳи хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати ҳарбӣ ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти соҳа низ тавсия дода мешавад. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқотро мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ метавонанд истифода баранд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқот дар такмили стратегияҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм, доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои таъминкунандаи амнияти миллӣ метавонанд истифода шаванд.

Диссертатсияи мазкур аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Зимни таҳияи диссертатсия талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, пурра риоя гардидааст. Автореферати диссертатсия ва интишороти довталаб мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Муҳимтарини онҳо:

1. Марзбандии солҳои 20-уми асри XX: таъсири сиёсӣ ва оқибатҳои он барои тоҷикон [Матн] / И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – № 2 (18). – С. 56–60. ISSN 2710-4672
2. Исроилов, И. И. Заминаҳои сиёсии таърихии таъсисёбии Қушунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2021. – № 3–4 (3–4). – С. 194–197. ISSN 2710-4672
3. Исроилов, И. И. Сабаб ва омилҳои хиёнат ба мардуми Афғонистон ва ғасби ҳокимият аз тарафи Толибон [Матн] / И.И. Исроилов, И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. – № 2 (6). – С. 56–60. ISSN 2710-4672
4. Исроилов, И. И. Масъалаҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон, омил ва сабабҳои он / И.Н. Исроилов, И. И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. – № 4 (8). – С. 101–105. ISSN 2710-4672

5. Исроилов, И. И. Нақши қушунҳои сарҳадӣ дар ҳифзи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. И. Исроилов, А. Ибодуллозода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – № 1 (96). – С. 275–278. ISSN 2219-5408
6. Исроилзода, И. И. Ташаккул ва рушди сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. И. Исроилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 322–326. ISSN 2413-5151

Ҳамзамон довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баромад намудааст, хусусан:

1. Исроилов, И.И. К вопросу о специфических особенностях военной политики Республики Таджикистан / И.И. Исроилов. Материалы второе республиканской научно-теоретической конференции совета молодых ученых и исследователей ТНУ «Таджикский национальный университет – центр подготовки молодых специалистов», посвященной 25-летию Государственной независимости Республики Таджикистан. 17-18 мая 2016 г. – Душанбе, 2016. – С. 97-101.
2. Isroilov, I. From the history of the formation of the border troops of the Republic of Tajikistan / I. Isroilov // International Scientific-Practical Journal «ENDLESS LIGHT in SCIENCE» Almaty, Kazakhstan 30 November 2023.
3. Исроилов И. Сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол / И. Исроилов. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050 солагии Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023. – С. 339–344.
4. Исроилов И. Артиши миллӣ – кафили амнияту суботи кишвар / И. Исроилов. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ». – Душанбе, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 20-уми феврали соли 2023. – С. 46–51.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот истифода шудаанд. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон зимни таълими фанҳои «Низоъшиносӣ» ва «Геополитика» истифода шудаанд. Инчунин натиҷаҳои асосии диссертатсия дар такмили барномаҳои таълимии фанҳои мазкур низ истифода гардидаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таълими фанҳои таълимӣ истифода бурда шудаанд. Дар ин бора санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ мавҷуданд ва замима мегарданд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иҷрои диссертатсия хеле зиёд аст. Довталаб дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намудааст. Интихоби мавзуъ, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, таҳияи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ва пешниҳоди фарзияи пажӯҳиш аз ҷониби довталаб анҷом дода шудааст. Барои коркарди

ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин довталаб ҳаҷми зарурии манбаъҳои иттилоотиро мавриди таҳлилу баррасӣ карор додааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқотро довталаб дар шакли мақолаҳои илмӣ омода намуда, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр кардааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ маъруза гардидаанд. Хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бевосита аз ҷониби довталаб таҳия гардида, пешниҳод шудаанд.

Диссертатсияи И. И. Исроилов «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ кори илмии баанҷомрасида мебошад. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад. Мазмуну мундариҷаи таҳқиқот ва мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Диссертатсияи И. Исроилов ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии самти илмҳои сиёсӣ пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кабул гардидааст.

Дар маҷлиси кафедра 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест. Протоколи № 11-и маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28-уми марти соли 2025.

Раисикунандаи маҷлис,
И.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Ахиева С.У.

Котиби маҷлис,
номзади илмҳоии сиёсӣ Амиров Т.Ш.

Имзои С.У. Аҳиева ва Т. Ш. Амировро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.